# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география).

Дар арзёбии ҳолати экологии минтақаи Кӯлоб талаботи мақсаднок яъне омӯзиши мухтасари хавфҳои табиӣ ва техногенӣ ва таснифи онҳо бо мақсади нигоҳ доштани инфрасохторҳо ва аҳоли аз хатарҳо, аз актуалӣ будани тадқиқоти гузаронидашудаи унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Таъсири фаъолияти техногенӣ боиси тағйироти ҷиддӣ, тағйирёбии ландшафтҳои табиӣ, якбора тағйир ёфтани реҷаи гидрологӣ ва гидрогеологӣ, аз даст додани тадриҷии чунин вазифаҳои обанборҳо, ба монанди танзими ҷараёнҳои мавсимӣ, солона, дарозмуддат ва коҳиш додани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ мегардад.

Бори нахуст аз ҷониби муаллифи рисолаи диссертатсионӣ: хусусиятҳои шароити муҳандисӣ– геоэкологии минтақа ошкор карда шуданд; хусусиятҳои рушди равандҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ ҳангоми фаъолияти техногенӣ муқаррар гардидаанд; хавфҳои геоэкологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ арзёбӣ шуданд; харитаҳои типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологии минтақаи Кӯлоб тартиб дода шуданд ва инчунин тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ин аз – истифода намудани усулҳои таҳқиқот аз қабили таҳлили кимиёии оби обанбори Селбур ва дарёи Қизилсу, таҳлили гумуснокии гилҳои зеробии обанбори Селбур бо мақсади ҷорӣ намудани усули муосир бо истифода аз нерӯи ҳосилшавандаи маҳаллӣ асоснок карда шудааст.

Тартиб додани нақша ва харитаҳои муҳандисӣ-геологӣ ва геоэкологии минтақа дар миқёсҳои гуногун имконияти омӯзиши сохтори геологии пастхамии Ёхсу, геоморфологӣ, муҳандисӣ-геологӣ, хавфҳои техногенӣ, арзёбии хавфҳои табиӣ ва типпикунонии онҳо, таҳияи буриши геологӣ ва омӯзиши динамикаи лойғуншавии обанбори Селбур, усули коҳиш додани обполоишии зерқабати обанбори Селбур, истифода намудани сементкунонии фавворавӣ, барқарорсозии заминҳои вайроншудаи минтақа бо усули нави аз ҷониби муаллиф таҳияшуда, инчунин, дараҷаи эътимоднокӣ бо чопи мақолаҳо ва натиҷҳои ба даст омада асоснок карда шудаанд.

Дар маҷмӯ автореферати диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36.–Геоэкология ва идоракуни истифодабарии табиат (25.00.36.02.–Соҳаи илмҳои география) ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои география дониста мешавад.

Директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ, доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.

Имзои Гулаҳмадзода А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ Адамқулова С.С.

**Суроға**: 734025 индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Бофанда, 5/2
Тел.: (+992 37) 2213901
E-mail: info@imoge.tj

«22» 08 с.2025